Тақризи

Муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин таҳти унвони “Таълимоти ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ ба дифоъ пешниҳод гардидааст.

Ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба муҳаққиқон ва файласуфони тоҷик имконият фароҳам овард, ки осори пурарзиши мутаффакирони барҷастаи соҳаи илму ҳикматро аз дидгоҳи нав таҳқиқу пажӯҳишҳоро боз намоянд.

Дар саҳифаҳои таърихи фарҳангу маънавият ва тамаддуни мардуми мусалмон номи садҳо донишмандону мутафаккирони закитабъу равшанзамир бо ҳарфҳои заррин сабт шудааст, ки ҳар яке бо осори ҷовидонаи илмию адабии худ ҳамчун нобиғаҳои башарият зуҳур карда, қарнҳо инҷониб мероси маънавии онҳо инсониятро ба фатҳи қуллаҳои баланди дониш раҳнамун месозад. Дар ин росто масъалаи инсон, ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон ҳамчун масъалаҳои марказӣ, ҷолиб ва таҳқиқталаби илмӣ ба ҳисоб рафта, дар самти фалсафаи иҷтимоӣ аз масъалаи кам омӯхташуда мебошад.

Дар робита бо ин таҳқиқи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон дар таълимоти олим, ҷомеашинос, муаррих, ходими сиёсӣ, донишманд ва мутафаккири оламшумул Валиюддин Абузайд Абдураҳмон ибни Муҳаммад Халдуни тунисӣ аз ҷумлаи шоҳкории абармардонаи илму ҳикмат мебошад, ки бо корномаи азими маънавии худ бо номи «Муқаддима», ки як навъ пешгуфтори асари бузури вай – «Ал-ибар» мебошад, номи неки хешро дар таърихи фарҳангу хиради бани башар муҳри ҷовидонагӣ задааст. Таълимоти иҷтимоии Ибни Халдун барои ҷомеаи илмии кишварамон ва рушди таҷрибаи ҷомеасозии он хеле муҳим аст. Маҳз ҳамин далелу асосҳо мубрамияти диссертатсияи Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин таҳти унвони “Таълимоти ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон” муайян намудааст.

Ҳадафи диссертатсияи мазкур таҳқиқ намудани робитаи муҳит бо омилҳои таъинкунандаи сифатҳои иҷтимоии инсон, аз нигоҳи Ибни Халдун муайян шудааст барои ҷомеаи муосир басо муҳим ва айнизамонӣ аст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он ба пажӯҳишгарону тадқиқотчиён ва олимоне, ки соҳаҳои мухталифи иҷтимоиёт ва ҷомеашиносонро мавриди тадқиқ қарор доданианд, ҳамчун роҳнамо хизмат менамояд. Маводи диссертатсия, бешакку шубҳа, дар тадқиқотҳои минбаъдаи олимон дар соҳаи фалсафа, ҷомеашиносӣ, таърихи фалсафа, этика, эстетика, фарҳангшиносӣ, антропология васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Навгониҳои илмии таҳқиқ аз он иборат аст, ки вижагиҳои омӯзишии таълимоти Ибни Халдун дар таҳлили ҳаёти ҷомеаи инсонӣ муайян шудааст. Дар диссертатсия хусусиятҳои таҳаввули сифатҳои иҷтимоии инсон бо таҳаввули марҳилаҳои таърихии инкишофи ҷомеа маҳсуб ёфта, бори аввал аз нигоҳи илмӣ маънидод карда мешавад. Аз ин лиҳоз, рисоларо аз дигар таҳқиқоте, ки дар ин замина анҷом дода шудааст, ҷудо намуда, ба хонанда тасаввуроти наве дар масъалаи шинохти инсон ва муҳит, таъсири он дар ахлоқ ва рафтори ҷомеаи инсонӣ пешниҳод менамояд.

Аҳамияти илмии рисола маълумоти дақиқеро дар бораи таъсири муҳит бар ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон аз назари Ибни Халдунро дар бар гирифтааст.

Моҳияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки хулосаҳои аз таҳқиқи масъалаи мазкур ҳосилшуда метавонанд, дар корҳои илмӣ доир ба соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ, таърихи фалсафа, ахлоқу зебоишиносӣ ва таърихнигорӣ ба кор бурда шаванд.

Рисола аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифода шуда иборат мебошад.

Дар муқаддимаи рисола дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯхташавии он, мақсаду вазифа ва навгониҳои диссертатсия, методҳои тадқиқот, аҳамияти назариявию амалии рисола, ҷиҳатҳои асосии кор, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шуданд, сухан рафтааст.

Боби якуми рисола бо унвони “Ҷанбаҳои назариявию методологии таълимоти ибни Халдун” аз се фасли мантиқан мураттаб иборат аст. Дар фасли аввал, ки “Вижагиҳои омӯзишии таълимоти Ибни Халдун дар таҳлили ҳаёти ҷомеа” ном дорад, дар бораи зиндагии иҷтимоиро аз таомули миёни омилҳои гуногуне чун фарҳанг, иқтисод, сиёсат ва ҷуғрофия вобаста медонад маълумот оварда шудааст.

Дар фаслҳои минбаъда масъалаҳои мубрами таъсири муҳит ба ташаккули андешаҳои мутафаккир оид ба ҷомеа ва аҳамияти дидгоҳи олим дар улуми муосири иҷтимоӣ бо мислоҳои ҷолиб мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст. Зимни таснифот муҳаққиқ басо бамаврид таъкид менамояд, ки ҷомеаҳо дар ҳар замону макone аз роҳҳои қонунмандиҳои ҳаммонанд ба монанди қонунмандиҳои табиат арзи ҳастӣ мекунад. Мутафаккир дар ҷилди аввали китоби «Мураввиҷ-уз-заҳаб» ба тафсил аз таъсири омилҳои ҷуғрофӣ бар қисмҳои мухталифи зиндагии одамӣ, қавмҳо бар тибқи макон ва ҷойгиршавии ҷуғрофӣ таъкид кардааст ва матолиби зебое дар мавриди адён, одобу русум, фарҳанг ва дигар мавзӯот матраҳ намудааст.

Боби дуюми рисола таҳти унвони “Равишҳои амалии таҳлили омилҳои таъсиргузор ба ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон дар таълимоти ибни Халдун” ба таҳқиқу баррасии омилҳои таъсиргузор ба сифатҳои иҷтимоии инсон бахшида шудааст.

Фаслҳои боби дуюми рисола дар бораи чигунагӣ ва зарурати шаклгирии ҷомеаҳои башариро, ки олим бо мувофиқи салоҳдиди худ тасниф намудааст, ки дар ниҳоят ба се асл мерасад: инсон маданитабъ аст; инсон ниёзманди қонун аст; башар ниёзманди давлат ва ҳукумат аст. Ҳамзамон таъкид мешавад, ки олим сабабҳои барои шаклгирии ҷомеа назарияи асабият, давлат, иқтисод, омӯзиш ва ғайраро зарур ва муассир медонад.

Муҳаққиқ ҳамин нуктаро ба маврид таъкид намудааст, ки таъсири муҳити дохилию берунӣ дар ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон нақши муҳим мебозад. Муҳити дохилӣ даруни раҳми модар дар муддати бордорӣ аст, ғизои ҷанин, ки сабаби рушди ӯ мешавад аз хуни модар аст, синну соли модар, вазъияти равонии ӯ, навъи ғизоҳое, ки масраф мекунад ва ғайра дар чигунагии рушди ҷанин таъсири зиёде дорад. Муҳити берунӣ дар навбати худ ба ду қисм: **табиию ҷуғрофӣ** ва **инсонию иҷтимоӣ** тақсим мешавад. Мурод аз **муҳити табиию ҷуғрофӣ** ин аст, ки обу ҳаво ва чун ғизоҳое, ки инсон мехӯрад, махсусан дар солҳои аввали зиндагӣ дар чигунагии рушду инкишоф ва ҳатто дар шаклу вазъияти бадан ва амалҳои бадану сохтмони бадан ва чеҳраи инсон таъсири фаровон дорад.

Дар **муҳити инсонию иҷтимоӣ** оилаҳо, мактабҳо, машғулиятҳо, бошишгоҳҳо, анҷуманҳо, ҳизбҳо, маҷлисҳову маҳфилҳои илмиву оммавӣ, матбуот, синамо, радиову телевизион ва амсоли инҳо метавонад шомил шавад. Аз миёни инҳо муҳити хонаводаву оила аҳаммияти зиёдтар дорад.

Ба ҳамин тартиб, оид ба таъсири ҳам муҳит ва ҳам ирсият дар таъйини шахсияти афрод нақш муҳим доштанро бо далелҳои илмӣ матраҳ намудааст, ки барои пазириши ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон марбут аст.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия мазмуну муҳтавои он ба тариқи фишурда дар бандҳои ҷудогона натиҷагирӣ карда шуда, вобаста ба ҳар як масъалаи мубрами таҳқиқ назари мушаххаси муҳаққиқ оварда шудааст.

Автореферат ва маводи интишории муаллиф вобаста ба мавзӯи таҳқиқ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро бапуррагӣ ифода намудааст.

Дар баробари натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои назаррас ба назари эътибор гирифтани баъзе нуктаҳои зер барои боз ҳам боло бурдани сифати илмию назарии рисола аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Дар бештари саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва услубию китобатӣ ба назар мерасанд, ки зарурияти таҳлили пурра намудани рисоларо ба миён меорад.
2. Ҳамин гуна ғалатҳои дар боло зикршуда дар саҳифаҳои автореферати диссертатсия низ дида мешавад.

Дар ниҳоят бояд зикр намуд, ки эроду пешниҳодҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо имконпазир аст.

Диссертатсияи Аркомиддинзода Шамсиддин Аркомиддин таҳти унвони "Таълимоти ибни Халдун дар бораи ташаккули сифатҳои иҷтимоии инсон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ ба дифоъ пешниҳод гардидааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа мебошад.


Мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои фалсафа — Абилзода Гуландом Сардор

Сана: 21.12.2020
734025, ш. Душанбе, куч. Саид Носир 33
abilova.78@mail.ru
(992)918790887


Имзои Г.С. Абилзодаро «тасдиқ мекунам».

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Суфиев Ф.Р.